# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи “Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

*аз “16” 03 соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Ҳ. - раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ш. Раҳимзода - аъзои комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳикматов У.С. - аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ хулосаи зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи банди 17-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва банди 18-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 “Дар бораи тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267”), мувофиқат мекунад.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ 22-юми марти соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ соли 2016 Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Раштро аз рӯйи ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар соҳаи маориф хатм карда, ҳамзамон, соли 2018 зинаи магистратураро дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси молия ва қарз дар комплекси агросаноатӣ хатм намудааст. Пас аз хатми магистратура Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 30.10.2021 №88/И ба ҳайси унвонҷӯ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуда, бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 28.01.2025 №18/И[у] аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз хатм намудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2022, протоколи №9/5.9 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ мебошад.

Имтиҳони номзадиро аз фанҳои таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб), аз 18 феврали соли 2023, забони хориҷӣ (англисӣ) 4 (хуб), аз 27 январи соли 2024 ва имтиҳони номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз бо баҳои 5 (аъло), аз 03 январи соли 2025 дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи "Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда бо бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисод саҳм хоҳанд гузошт.

***III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд***

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 19 кори илмӣ, аз он ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

***IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ***

Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудааанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

***V. Комиссия пешниҳод менамояд:***

1. Диссертатсияи Миршарифзода Эмомалӣ Қурбоналӣ дар мавзуи "Воситаҳои қарзӣ ҳамчун сарчашмаи асосии рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Назирӣ Гулбаҳор Назир - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон;

- Ҳалимов Лоиқ Мирзовалиевич – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Умаров Ҳ.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ш. Раҳимзода.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
аъзои шурои диссертатсионӣ — Ҳикматов У.С.